# ҚАРОРИ

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

«03» 10 соли 2022 № 10/КТ ш. Душанбе

**оид ба таъин намудани комиссияи экспертӣ барои диссертатсияи Исайнова Манижа Ҳисайновна дар мавзуи “Такмили танзими давлатии сармоягузории кишоварзии минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон) “Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мутобиқи банди 58-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Исайнова Манижа Ҳисайновна дар мавзуи “Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ барои экспертиза қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:
   - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қандиёрова Д.О.;
   - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирсаидов С.А.;
   - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сафаров Б.Г.
3. Тибқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки дар муддати 15 рӯз ба шӯрои диссертатсионӣ дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба Шӯро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид ба мукаммалии дарҷи маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия **хулосаи хаттии комиссияро** ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод намоянд.

**Раиси шӯрои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шӯрои**
**диссертатсионӣ, н.и.и.** **Убайдуллоев Ф.К.**

Дурустии имзоҳои Ҳ.Н. Фақеров ва Ф.К. Убайдуллоевро тасдиқ менамоям:
Сардори ШК ва корҳои
махсуси ДДМИТ, н.и.ҳ. Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ